# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) - шаҳри Душанбе, 2026 с., 190 с.

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01 - Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; банди 4.3. – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; банди 4.6. - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои синну солӣ мувофиқ мебошад.

***Мубрамияти мавзуи таҳқиқот***. Мавзуи баррасишаванда аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами замони муосир буда, ба самтҳои сиёсии давлатии ҷумҳурии мо ҷавобгӯ аст. Инкишофи илмӣ ва интихоби шароити педагогӣ барои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ тавассути шиносоӣ бо табиати диёри худ ҳамчун самти муҳими раванди таълиму тарбия пешниҳод шудааст, зеро мураттабсозии системаи ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз усул ва технологияҳои педагогӣ дар ҳамоҳангсозии муассисаи таълимии томактабӣ ва оила мубрам ҳисобида мешавад.

Дар ин радиф, докторант Яҳёзода Ғ.Я. бамаврид баён намудаанд, ки имрӯз зарурати ташаккули заминаи маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ба ҳифзу ҳимояи арзишҳои табиат дар ҳамкории МТТ бо оила муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», «Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизат ва истифодаи олами наботот», «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», «Тартиби баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист», “Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои аз худ кардан ва инкишофи донишу малакаҳои илмию амалӣ, таҳким ва рушди муносибати эҳтиёткоронаи инсон ба табиат ва муҳити зист аз синну соли томактабӣ равона шудаанд.

***Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод.*** Аз ҷониби Яҳёзода Ғолиб Яҳё интихоби мавзуи илмӣ оид ба таҳқиқи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» мубрам ва саривақтӣ буда, он аз фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ дар МТТ, ки барои ташаккули маърифати экологии кӯдакон мусоидат мекунанд, иборат мебошад.

Таҳқиқ ва омӯхтани маводи мавҷудаи назариявӣ ва амалӣ бори дигар собит месозад, ки барои самаранокии раванди ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ шароитҳои мушаххаси педагогӣ таҳия карда шавад. Ба ин шароитҳо метавон дохил намуд: азнавсозии мазмуни таълими экологӣ; татбиқи дастаҷамъонаи ҷузъҳои таълими экологӣ фаъолии шахсии кӯдакон, ки барои ба даст овардани иттилооти нав, донишҳои нав (рушди маърифатӣ), инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър (рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ) ва ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон (рушди муошират ва эҷодкорӣ) бо фароҳам овардани муҳити рушддиҳандаи экологӣ; мутассилӣ дар интиқоли дониш нигаронида шудааст.

***Мақсади таҳқиқоти мазкурро*** аз синни томактабӣ тарбия кардани маърифати экологӣ, шахсияти эҷодкор, қобилияти фаҳмидан ва дӯст доштани олами иҳотакарда, табиат ва муносибати эҳтиёткорона ба он мебошад.

Дар алоқамандӣ бо мақсади таҳқиқот вазифаҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муайяни таҳқиқотӣ таҳия ва амалӣ гардидаанд, ки:

- фароҳам овардани шароитҳои педагогии таълиму тарбияро вобаста ба муайян намудани равишҳои назариявии мафҳуми «маърифати экологӣ»;
- рушди маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун як масъалаи асосии педагогӣ;
- муайян намудани шароити педагогие, ки барои ташаккули

маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ самаранок мебошанд;

- ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар асоси Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» фарогир мебошад.

Дар фарзияи кор Яҳёзода Ғолиб Яҳё муайян намудааст, ки шароитҳои мақсадноки педагогӣ ба ташаккули асосҳои маърифати экологиии кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мусоидат мекунанд, агар:

- таъмини шароитҳои педагогӣ дар МТТ боиси тағйироти назаррас дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон гардад;

- принсипҳои таълим ва тарбияи экологӣ, Консепсияи таълими экологӣ, тадқиқоти методии олимон, педагогҳо, психологҳо, сотсиологҳо, экологҳо, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи тарбияи экологӣ мавриди истифода қарор ёбанд;

- дар рафти омӯзиш таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳои илмию методӣ, мушоҳида, суҳбат, анкета, пурсиш, таҷрибаҳои педагогӣ, усулҳои таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ истифода шуданд:

- амсилаи педагогӣ, ки аз ҷузъҳои маърифати экологӣ - рушди зеҳнӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака), рушди эҳсосӣ ва арзишӣ (ташаккули муносибат), ва рушди муошират ва эҷодкорӣ дар ҳамбастагӣ бо истифода аз муҳити табиати Тоҷикистон мавриди озмоиш қарор дода шаванд;

- асоси тадқиқотро корҳои таҷрибавӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии томактабӣ бо истифода аз барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» ташкил диҳад.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар рафти кор раванди ташаккули маърифати экологиро дар кӯдакони синни калони томактабӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии педагогӣ ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологиро дар ҳамкори МТТ бо оила татбиқ намудааст. Муҳаққиқ хеле бамаврид дар рисолаи илмӣ амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон» ва «Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология»-ро таҳия намуда, дар озмоиши педагогӣ онро мавриди истифода қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ оид ба тарбияи экологӣ дар МТТ мавриди истифода қарор меёбанд.

***Нуқтаҳои илмии аз ҷониби муаллифи*** таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои

баррасӣ муаррифӣ карда, мундарича ва мухтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд. Шароитҳои педагогие таъмин мегарданд, ки амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон», ки аз ҷузъҳои - рушди маърифатӣ, рушди зеҳнӣ, эҳсосию арзишмандӣ ва рушди муошират ва эҷодкорӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ иборат аст, дар ҳамкории МТТ бо волидон татбиқ менамоянд. Асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ бо баргузории корҳои озмоишии Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» ташаккул дода мешаванд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта*** бо муқаррароти дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳияшуда дар бораи мақсаднокӣ ва аҳамияти он асоснок карда шудааст. Ҳамчунин озмоиши тасвибшудаи амсилаи таҳияшуда дар гурӯҳҳои озмоишии муасисаҳои таълимии томактабӣ, ки самаранокии усулҳо ва технологияҳои педагогии истифодашударо дар асоси озмоиш, хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин тавсияҳо барои татбиқи минбаъдаи инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ, ки ҳамкори МТТ бо оиларо дар бар мегирад, таъмин шудааст.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзия ва марҳилаҳо, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ собит месозанд, ки то кадом андоза мавзӯи таҳқиқшаванда ҳаллу фасл гардидаст. Пойгоҳҳои таҳқиқот, ки диссертант бевосита озмоиш гузарониданд аз он шаҳодат медиҳанд, ки рисола дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст. Ин албатта, дастоварди хуби диссертант аст.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 номгуи мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 номгӯйи онҳо, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгуй дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байнйлмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаан, инъикоси худро ёфтаанд.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.*** Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим, педагогика ва психология, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд. Рисолаи илмии мазкур аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 190 саҳифа иборат буда, дар он 12 расм, 6 ҷадвал ва 4 диаграмма ҷой дода шудаанд.

**Дар муқаддима**и рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омухта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии масъалаи маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кор илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот, инчунин матлаби меҳварии барои ба дифоъ пешниҳодшаванда ба таври возеҳ шарҳу инъикос ёфтаанд.

**Боби якуми рисола «Асосҳои назариявии тарбияи асосҳои экологии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якум **«Таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи тарбияи экологии насли наврас»** пешниҳод шудааст. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои педагогӣ қайд менамояд, ки ҳарчанд дар таҳқиқи назария ва амалия, мазмун ва методологияи тарбияи экологӣ дар даҳсолаҳои охир дастовардҳои назаррас дида шавад ҳам, имрӯз ба баъзе ҷанбаҳои он дахолати фаврӣ талаб карда мешавад. Дар байни онҳо тарбияи экологии бачаҳо, инкишофи маданияти экологӣ, ҷустуҷӯи шароитҳои педагогиро бояд зикр кард. Ин ҷонибҳо низ ба далели камбудиҳои мавҷуда дар инъикоси мундариҷаи онҳо баррасии дақикро тақозо мекунанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Яҳёзода Ғолиб муносибати арзишмандии кӯдакони синни томактабӣ ба объектҳои табиат бо хусусияти амалҳои иҷрокардаашон шарҳ додан мумкин аст, зеро дар ин ҳолат эҳсосот, дониш ва амалҳо хеле самаранок мебошад. Олимон ва таҳқиқотчиён таъкид намуда буданд, ки таваҷҷӯҳи насли наврас ба пайвастагии занҷири табиӣ ҷалб карда шуда, ҳангоми шиносоӣ бо табиат ба принсипи дидактикии «аз оддӣ ба мураккаб» риоя карда шавад, зеро «табиат намеҷаҳад, балки тадриҷан пеш меравад». Минбаъд ин мавқеи муҳими экологӣ дар робитаи байни инсон ва табиат, ҷудонопазирии байни онҳо мегардад, ки дар он ҳар як ҳалқа вазифаи мушаххасро иҷро мекунад.

Дар Тоҷикистон бо мақсади такмили раванди таълиму тарбияи экологӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими меъёрӣ қабул карда шудаанд, ки ба ҳалли проблемаҳои ба миён омадаистодаи экологӣ нигаронида шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба соли 1996 Барномаи давлатии маҷмӯи рушди тарбия ва маърифати экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2021-2025) қабул кард, ки баъдан ду маротиба тамдид ва дубора нашр шуд. Нишондиҳандаҳои асосии тарбияи экологӣ дарки мушкилоти муосири экологӣ, дарки масъулияти ҳифзи табиат, фаъолияти экологӣ, ташаккули ҳисси муҳаббат ба табиат, қобилияти дидани зебоӣ ва лаззат бурдан аз он мебошанд.

Дар фасли дуввуми боби якум докторант кушиш намудааст, ки **«Раванди таҳқиқи ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ»** мавриди омузиш қарор диҳад. Қайд мегардад, ки Аз замони пайдо шудани раванди маърифати экологӣ масъалаи ташаккули асосҳои донишҳои экологӣ ва маърифати экологӣ ба тамоми соҳаҳои илм ворид шудан гирифт. Албатта, ҳар як мураббӣ ин мафҳумро ба таври худ дарк мекард, бинобар ин дар раванди ташаккули маърифати экологӣ баъзан хусусиятҳое пайдо мешуд, ки аз тафсири илмӣ фарқ мекарданд.

Дар идома докторант Яҳёзода Ғ.Я. раванди ташаккули маърифати экологиро ҳам аз нуқтаи назариявӣ ва ҳам таҷрибавӣ баррасӣ менамояд. Маърифати экологӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини маърифати башарӣ дар маҷмӯъ, ҷузъи ҷудогонаи он муайян шудааст, ки робитаи зичи инсон ва тамоми ҷомеаро бо табиат дар ҳама намудҳои фаъолият инъикос менамояд.

Қайд мегардад, ки кӯдакони синни томактабӣ аз рӯи хусусиятҳои синну солӣ ба табиат хеле наздиканд. Онҳо метавонанд олами набототро дарк кунанд, ба гулу сабзазор нигоҳубин кунанд ва боз метавонанд онҳоро бепарвоёна чида ва ё поймол кунанд. Маҳз дар мавриди шинос намудани бо қоидаҳои рафтор дар табиат, онҳо ҷонибдорони фаъоли риояи ин қоидаҳо мегарданд.

**Боби дуюм «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола»** унвон гирифта, аз ду фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби мазкур «**Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ**» ном дорад. Дар меҳвари ин фасл шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола манзур гардидааст. Муҳаққиқ бамаврид қайд менамояд, ки ягона муносибати дуруст ба муҳити зист ва ҳодисаҳои табиат тарбияи экологӣ мебошад. Ба ин муносибат тадбирҳоеро ба амал баровардан лозим аст, ки ба баланд бардоштани маданияти экологии кӯдакон мусоидат мекунанд. Ҷалби волидон ба фаъолиятҳои экологӣ бо фарзандонашон ба тағйири ҷаҳонбинии ҳам волидон ва ҳам кӯдакон мусоидат мекунад.

Аз ҷумла, истифодаи фаъолияти тасвирӣ барои санҷиши натиҷаи кори иҷрошуда шароит фароҳам меоварад. Бо дарки ин робитаҳо ва муносибатҳо кӯдакон ҷаҳони атрофро меомӯзанд ва мафҳумҳои экологӣ ба онҳо дар ин кор кӯмак мекунанд. Барои васеъ намудани фаҳмиши кӯдакон дар бораи ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат дар баробари мушоҳидаҳо бозиҳои гуногун – дидактикӣ, фаъол ва эҷодӣ васеъ истифода мешаванд, ки дар рисолаи илмӣ шарҳ ёфтаанд.

Фасли дуюми боб – **«Накши муассисаҳои таълимӣ ва оила дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ»** номгузорӣ шудааст. Ташаккули тарбияи экологӣ он вакт амалӣ гардонида мешавад, ки агар оила, мактаб ва ҷомеа дар ҳамбастагӣ ҳамкорӣ намуда, тарбияи кӯдаконро нисбати муҳофизати табиат дуруст ба роҳ монанд.

Дар ин фасл докторант Яҳёзода Ғ.Я. дар заминаи мушахасси таҳқиқӣ истифодаву корбурди шароит барои ташаккули маърифати экологӣ ва арзишҳои ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар корҳои тарбиявӣ оид ба тарбияи экологӣ дар ду самт ташкил намудааст: кор бо волидон ва кор бо кӯдакон. Шиносоӣ бо табиати кишвари азизи худ ва донистани сиру асрори беканори он ба кӯдакон имконият медиҳад, ки фикру ақидаи худро доир ба набототу ҳайвонот ташаккул диҳанд, мавқеи худро дар доираи муносибати табиат ва инсон ҳис карда, аз хурдсолӣ зарурияти ҳифзу баркарор намудани бойгариҳои табиатро дар ҳаёти ҳаррӯза дарк намоянд.

Фаъолияти муштараки оила ва муассисаҳои таълимӣ (лоиҳаҳо, ҷашнҳо, чорабиниҳо, экскурсияҳо ва ғайра) ба ташаккули самараноки асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакон мусоидат мекунанд.

**Дар боби сеюм «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон»** муҳаққиқ Яҳёзода Ғолиб Яҳё қайд менамояд, ки мақсади ин қисмат ташаккулдиҳии маҷмӯи донишҳо оид ба табиат, тарбия намудани майлу рағбати ҳифз ва эҳё намудан, афзун гардондани арзишҳои табиат, ки барои имрӯз ва фардои инсон заруранд, мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсад «Амсилаи ташаккули маърифати экологӣ» мураттаб гардид, ки шароитҳои донистагирии хусусиятҳои табиати Тоҷикистонбо таъмин месозад. Амсилаи педагогии мазкур аз ҷузъҳои - таъмини муҳити ашёӣ- рушддиҳанда (ташкили гӯшаҳои экологӣ дар гурӯҳ, дастрасии кӯдакон ба маводи табиат, имконияти донистагирии хусусиятҳои табиат); рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ (инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър) ва рушди муошират ва эҷодкорӣ (ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология (дар шакли хондани асарҳои бадеӣ, суҳбат, нақл, бозӣ, расмкашӣ) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон иборат мебошад.

Хеле бамаврид Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» таҳлил гардида, вазифаҳо оид ба шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф, табиати зинда ва ғайризинда, фаслҳои сол ва тарбияи экологии кӯдакони синни калони томактабӣ

муайян гардида, ба таври мушаххас ин вазифаҳо дида баромада шудаанд.

**Фасли дуюм "Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 5-7 сола дар марҳилаи аввали озмоиши педагогӣ»** номгузорӣ шуда, вазифаи асосӣ ташаккул додани тасаввуроти аввалини экологӣ дар кӯдакон мебошад, ки метавонад дар оянда барои ташаккули маърифати экологии кӯдакон хидмат кунад.

Аҳамияти онҳо дар тарбияи экологӣ аз он иборат аст, ки бо воситаҳои ба худ хоси таҷассумкунӣ онҳо дар кӯдакон тасаввуроти равшанеро тарбия мекунанд, ки ба бедории фикр ва эҳсосот мусоидат мекунанд. Махсусан, таъсири эҷодиёти халқ, фолклор, асарҳои намояндагони адабиёти классики тоҷик бузург аст, намояндагони барҷастаи адабиёти классики тоҷик ва шоирони муосири кӯдакона диққати худро ба тарбияи кӯдак дар муҳити зист равона кардаанд, ба озмоиши педагогӣ ворид гардидаанд. Дар рафти таҳқиқот хусусиятҳои фолклори кӯдакона ва таъсири он ба тарбияи экологӣ, ташаккули донишҳои экологиро таҳқиқ намудааст.

Дар машғулиятҳо фаъолияти характери экологӣ дошта, вазифаҳо оид ба мустаҳкам намудани дониш, маҳорат ва малакаи азхудкардаи кӯдакон гузошта шуданд. Ба мақсад мувофиқ будани чунин ташкили машғулиятҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки донишҳое, ки кӯдакон ҳангоми машғулиятҳои шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мегиранд, имкон медиҳад, ки ин таълим аллакай дар самти ташаккули маърифати экологӣ давом дода шавад.

Дар фасли сеюми боби сеюм – **«Барномаи озмоишии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни 6-7 сола ва ҷамъбасти он»** корҳои озмоишие, ки оид ба рушди мусоидаткуннадаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин зербоб Яҳёзода Ғ.Я. барномаи кории ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» барои давраи соли хониш, ки 36 мавзуъро дар бар мегирад, мураттаб ва мавриди озмоиш қарор диҳад. Дар рисолаи илмӣ (саҳ.147-151) ҷадвали номгӯи мавзуъҳо, мақсад ва вақти баргузории мавзуъҳо бо ҳафтаҳо оварда шудааст. Ҳангоми таҳияи маҷмӯи чорабиниҳо барои озмоишҳои асосӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ барнома ва дастурҳое, ки ба тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ нигаронида шудаанд, "Асосҳои донишҳои экологӣ барои кӯдакон» (З.Ш.Курбонова, Л.М.Таджибаева), «Экология барои кӯдакон», Шинос намудани кӯдакон бо фаслҳои сол(Нарзуллоева М. Ғуломова Н.), «Барномаи тарбия, таълим ва

инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» истифода гардидаанд.

Дар рафти таҳқиқот зиёдтар фаъолии шахсии кӯдакон, ки барои ба даст овардани иттилооти нав, донишҳои нав (рушди маърифатӣ), инкишофи дониш, маҳорат ва малака, эҳсосот аз зебогиҳои табиат, шавқмандӣ аз дидани расм, хондани шеър (рушди зеҳнӣ, эҳсосӣ ва арзишӣ) ва ташаккули қобилияти баён кардани таассурот ва дониш дар мавзуи экология) дар ҳамкорӣ МТТ бо волидон (рушди муошират ва эҷодкорӣ) нигаронида шудааст, мавриди таҳқиқу натиҷагирӣ қарор ёфт.

Дар идомаи кори озмоишӣ яке аз усулҳое, ки барои раванди аз худ намудани маълумот дар бораи табиат мусоидат мекунад ва барои тарбияи экологии кӯдакони синни калони томактабӣ босамар мебошад, технологияи педагогии «Ба хотир овардан дар асоси аломатҳои тасвирӣ» мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Натиҷаи ҷавобҳои кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ баланд шудани дониши худро дар бораи ҳайвонот ва наботот, инчунин маҳалҳои зисти онҳо нишон доданд. Дониши онҳо дар бораи табиати ғайризинда, сарфи назар аз он, ки табиати ғайризинда барои кӯдакон назар ба табиати зинда камтар шавқовар аст, хеле афзуд.

Ҳамин тариқ, динамикаи мусбӣ дар рушди равандҳои маърифатӣ аён буда, сатҳи дониши экологӣ дар байни кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ, ки мунтазам ба ташкили фаъолияти таҳқиқотии маърифатӣ ҷалб карда шудаанд, баланд гардид, ки самаранокии барномаи коркардшудаи ташаккули маърифати экологии кӯдаконро бо истифода аз технологияҳои педагогӣ нишон медиҳад. Дар умум, донишҳои экологӣ 80%, маърифати экологӣ дар муносибат ба табиат – 75%, рафтори бошуурона ба табиат – 78%, шавқу ҳавас ба табиат барои ҳифзи муҳити зист – 85% боло рафт.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар дарки амиқ ва ҳамаҷонибаи мазмуни «таълими экологӣ» ва «маърифати экологӣ» мебошад. Ҷузъҳои маърифати экологӣ дар заминаи ошноӣ бо муҳити табиати Тоҷикистон омӯхта шуданд. Дар рисола шарҳҳои гуногуни мафҳумҳои «дониши экологӣ», «фарҳанги экологӣ», «маданияти экологӣ» ва «маърифати экологӣ» баррасӣ ва пешниҳод карда мешаванд. Ғайр аз ин, тадриҷан таҳияи заминаи консептуалии марбут ба таълиму тарбияи экологӣ аниқ ва принсипҳои интихоби шароитҳои педагогӣ асоснок карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ

докторант маколаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 9 мақола дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

**4. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикост намудааст. Дар мақолаҳои илмии муаллиф низ мухтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд.

1. Дар рисола докторант Яҳёзода Ғ.Я. таҳлили вазъи кунунии тарбияи экологӣ ва маърифати экологии кӯдаконро таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар ин раванд докторант метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси мушкилиҳои мавҷудбуда дар рафти таҳқиқоти баргузорнамуда низ баён намояд.
2. Агар дар боби якуми рисола муҳаққиқ муҳити самарабахши тарбияи маърифати экологии кӯдаконро дар муассисаи таълимии томактабӣ мавриди истифода аз воситаҳои техникии замонавӣ ба таври васеътар кушода медод, ба рисола арзиши илмии бештар мебахшид.
3. Дар саҳифаи 111-уми диссертатсия нақшаи «Амсилаи ташаккули маърифати экологӣ» оварда шудааст. Ҳангоми тавсифи амсилаи пешниҳодшуда ба таври муфассалтар шарҳ додани таъсири ҳар як қисмати он ба ташаккули маърифати экологии кӯдакон судманд мебуд.
4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ ва хусусияти техникидошта роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Дар маҷмуъ, диссетатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи

бандҳои 31, 33,34, ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва
кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Иззатова М.И.

10.06.2026 с.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи А.Мусо, 35.
Тел.: (+992) 918-26-35-35.
E-mail: info@kgu.ti:

Имзои М.И. Иззатоваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Суроғаи муассиса:
Нишони: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 21;
Тел: (83322) 2 35 06;
E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

10.06.2026